# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мирзозода Шахриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Рисолаи мазкур ба баррасии яке аз масъалаҳои муҳиму афзалиятноки соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ бахшида шуда, ба таҳлили ҳамаҷонибаи масоили танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат равона гардидааст. Муаллиф зимни таҳияи тадқиқоти илмӣ бо риояи усули таҳлили амиқ ва услуби академӣ, рисоларо дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ омода намудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот, муаллиф ба пешниҳоди як силсила тавсияҳо ва хулосаҳои илмӣ такя варзида, онҳоро дар заминаи таҳлили ҳуқуқии мавҷуда ва бо истинод ба таҷрибаи амалии кишвар таҳия намудааст. Хосияти махсуси рисоларо истифодаи васеи манбаъҳои илмии ҳуқуқшиносони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ ташаккул медиҳад, ки заминаи назариявии боэътимодро барои таҳқиқ фароҳам овардааст.

Илова бар ин, гузаронидани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии танзими ҳуқуқи мазкур дар қонунгузории кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) мазмун ва муҳтавои рисоларо ғанӣ гардонида, ба тадқиқот вижагии фаромиллӣ бахшидааст. Ин равиш ба унвонҷӯ имкон додааст, ки дар заминаи муқоисаи низомҳои ҳуқуқии гуногун, хулосаҳои муътамад ва тавсияҳои амалии муфид пешниҳод намояд, ки дорои аҳаммияти назаррас барои рушди қонунгузории миллии Тоҷикистон ва таҳкими ҳуқуқи конститутсионӣ дар заминаи ҳуқуқи меҳнат мебошанд.

**Мирзозода Шахриёр Мунавар** соли 2005 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ) дохил шуда онро соли 2010 хатм намудааст.

Аз соли таҳсили 2011 то соли 2018 ба ҳайси мутахассис-коргузор, мутахассис, мутахассиси пешбар ва сармутахассис дар Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, аз соли 2018 то соли 2023 ба ҳайси муовини сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ва ассистент, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва аз моҳи июли соли 2023 то инҷониб ба ҳайси мудири бахши умумии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият карда истодааст.

Кори диссертатсионии Мирзозода Шаҳриёр Мунавар аз муқаддима, 2 боб 7 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаҳои омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзӯи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки «**Асосҳои конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дорад, дарбар гирандаи таҳлили мукаммали назариявӣ ва ҳуқуқии ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои калидии иҷтимоӣ-иқтисодии инсон ва шаҳрванд мебошад. Дар доираи ин боб, муаллиф таҳлили низоммандонаи мафҳумҳои асосиро анҷом дода, мазмуни ҳуқуқ ба меҳнатро аз дидгоҳи илми ҳуқуқи конститутсионӣ равшан менамояд, инчунин тасниф ва тавсифи унсурҳои сохтории онро пешниҳод мекунад.

Таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзими ин ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад, ки Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, инчунин муносибати онҳо бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби давлат тасдиқ шудаанд, дар бар мегирад.

Дар боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки таҳти унвони **«Механизми татбиқи ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** омадааст, масъалаҳои марбут ба амалӣ гардондани яке аз ҳуқуқҳои муҳимтарини иҷтимоӣ-иқтисодии шахсият — ҳуқуқ ба меҳнат — мавриди таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ қарор мегиранд. Дар ин боб диққат ба омӯзиши механизмҳои татбиқи ҳуқуқ, ҷанбаҳои институсионалӣ ва тартиботии он равона шудааст, ки тавассути онҳо муҳтавои меъёрҳои конститутсионӣ дар амалияи ҳуқуқии ҳаррӯза мушаххас ва таъмин мегардад.

Муаллиф таъкид мекунад, ки дар шароити кунунии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар, ки бо тағйироти муносибатҳои меҳнатӣ, дигаргуниҳо дар бозори меҳнат ва зарурати мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ҳамроҳӣ меёбад, масъалаи татбиқи самараноки ҳуқук ба меҳнат аҳамияти стратегӣ пайдо кардааст. Амалӣ гардидани ин ҳуқуқ на танҳо ҳамчун додани имкони расмии ба меҳнат ҷалб гардидани шаҳрванд фаҳмида мешавад, балки ҳамчун равандест мураккаб ва бисёрсатҳа, ки фароҳамсозии муҳити мусоиди ҳуқуқӣ ва институсионалӣ, таъмини кафолатҳо, муқаррар намудани маҳдудиятҳои қонунии оқилона ва истифодаи механизмҳои самараноки ҳимоя аз вайроншавии ҳуқуқҳоро дар бар мегирад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқм илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашгардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31

марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,**
**муовини аввал, муовини директори иҷроия**
**оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои**
**байналмилалии филиали Донишгоҳи**
**давлатии Москва ба номи**
**М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе** **Диноршоҳ А.М.**

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Бохтар 35/1
Тел.: (+992) 935890207

**Имзои А.М. Диноршоҳро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва**
**корҳои махсус** **Пирназар С.М.**
01.04.2025.

Суроға: : 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Бохтар 35/1
Телефон: (+992 -37) 227-11-04
E-mail: info@msu.tj